# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 28-уми июни соли 2025 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои фалсафа, Зиёӣ Хуршед Махшулзода); шунидани тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ – доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра, доктори илмҳои сиёсӣ Маҳмадбеков Моёншо Шодмонович, муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода П.А., доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д., доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т., доктори илмҳои фалсафа Назар Муъмин, доктори илмҳои сиёсӣ Усмонова З.М., инчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи Шуро оид ба диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи асоснок будан, навоварӣ доштан, муҳиммият ва хулосаҳои диссертатсия; инчунин оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда Шурои диссертатсионии 6D.КОА–079

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.
2. Корҳои илмии чопнамудаи диссертант, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, ба мавзуъ мувофиқ дониста шаванд.
3. Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ сазовор дониста шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои сиёсӣ ба Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам, нафароне, ки ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ тарафдоранд, мавқеи худро муайян намоянд. Тарафдор – 15 Муқобил - нест. Бетараф - нест. Қарор якдилона қабул шуд.

Иҷозат фармоед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя кардани кори диссертатсионӣ табрик намоям ва ҳамзамон ба аъзои Шурои диссертатсионӣ барои кори самаранок миннатдорӣ баён кунам. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пушида эълон карда мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _______________/ Қувватзода С. З.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_______________/ Сангинов Н.Н.

28.06. 2025